ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Сироҷзода Нигина Раҷаб дар мавзуи «Асадулло Саъдуллоев - муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст.

Публитсистика ҳамчун як соҳаи муҳим ва таъсиргузори фаъолияти рӯзноманигорӣ, воқеиятҳои иҷтимоиву сиёсиро инъикос намуда, дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва таҳкими худшиносии миллӣ нақши муассир мебозад. Дар замони муосир таҳқиқу омӯзиши амиқи публитсистика ва шахсиятҳое, ки дар рушди он саҳми назаррас доранд, аҳамияти илмию амалӣ пайдо кардааст.

Дар ин замина, диссертатсияи Сироҷзода Нигина Раҷаб таҳти унвони «Асадулло Саъдуллоев - муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ таҳия гардидааст, ба масъалаи муҳими омӯзиши осори публитсистии чеҳраи барҷастаи илму адабиёт ва журналистикаи тоҷик Асадулло Саъдуллоев бахшида шудааст.

Диссертатсия дорои ҳадафҳои возеҳ, аз ҷумла омӯхтани нақши осори публитсистии профессор А. Саъдуллоев дар публитсистикаи муосири тоҷик мебошад. Вазифаҳои тадқиқот низ бо мақсадҳо мувофиқ буда, таҳлили мундариҷаи осори публитсистӣ ва баррасии таъсири онҳо ба ташаккули афкори омма ва рушди соҳаи публитсистикаро фаро мегиранд.

Муаллиф дар диссертатсия бо истифода аз усулҳои гуногуни таҳлил, аз ҷумла таҳлили мундариҷаи осори публитсистӣ, таҳқиқоти амалӣ ва таҳлили муқоисавӣ масъалаҳоро баррасӣ кардааст. Ҳиссаи назариявӣ ва амалӣ дар кори илмӣ ба таври мутавозин оварда шудааст.

Таълифоти публитсистӣ ва пажӯҳишҳои илмии Асадулло Саъдуллоев ҳам аз лиҳози мазмуну муҳтаво, ҳам аз ҷиҳати услубу сабки баён ва таҳлили воқеиятҳои замони худ арзиши баланд доранд. Аз ин рӯ, омӯзиши фаъолияти илмӣ ва публитсистии ӯ метавонад дар таҳқиқи равандҳои ташаккул ва инкишофи публитсистикаи муосири тоҷик заминаи муҳими назариявӣ ва амалӣ гардад.

Дар автореферат омадааст, ки диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

Диссертант дар муқаддима дуруст нишон медиҳад, ки фаъолияти зиёда аз панҷоҳсолаи профессор А. Саъдуллоев дорои чанд самти муҳим, аз ҷумла рӯзноманигорӣ, публитсистика, адабиётшиносӣ ва фаъолияти омӯзгорӣ мебошад. Бо истифода аз беш аз 50 асари илмӣ ва садҳо мақолаҳои муҳаққиқ, инчунин бо такя ба асарҳои ёддоштӣ ва хотирот, дар диссертатсия паҳлуҳои гуногуни мактаби илмии ӯ амиқ баррасӣ шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки кор дар заминаи манобеи муътамад ва фарогир анҷом ёфтааст.

Автореферати диссертатсияи мазкур саҳми муҳаққикро дар равшаннамоии масъалаҳои муҳими марбут ба шахсияти Асадулло Саъдуллоев ва накши ӯ дар рушди публитсистикаи тоҷик нишон медиҳад. Бинобар ин, интихоби мавзуъ аз ҷониби муҳаққиқ Сироҷзода Н.Р. пурра асоснок буда, дорои аҳамияти баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад. Бо вуҷуди саҳми назарраси профессор Асадулло Саъдуллоев дар рушди рӯзноманигорӣ, публитсистика ва таълими журналистика, фаъолияти илмӣ ва публитсистии ӯ то имрӯз ҳамаҷониба ва мукаммал мавриди таҳқиқ қарор нагирифта буд. Аз ин ҷиҳат, диссертатсияи мазкур холигии илмиро пур намуда, аҳамияти илмии корро боло мебарад.

Дар натиҷаи таҳқиқ муаллиф чунин дастовардҳои муҳимро ба даст овардааст:

1. Аввалин таҳқиқи ҳамаҷонибаи фаъолияти илмӣ ва публитсистии профессор А. Саъдуллоев анҷом дода шуда, ҷойгоҳи ӯ дар ташаккули мактаби публитсистикаи тоҷик муайян карда шудааст.

2. Масоили назариявии публитсистика ва насри мустанад дар заминаи осори муҳаққиқ таҳлил гардида, бо далелҳои муътамад асоснок шудаанд.

3. Накши фаъолияти омӯзгорӣ ва пажӯҳишии муҳаққиқ дар тарбияи шогирдон ва ташаккули як мактаби илмӣ нишон дода шудааст.

4. Дар кори илмӣ робитаи фаъолияти омӯзгорӣ ва пажӯҳишии Саъдуллоев бо тарбияи шогирдони зиёд ва ташаккули як мактаби илмӣ ба таври асоснок инъикос ёфтааст.

5. Навгониҳои илмӣ пешниҳод гардидаанд, ки дар онҳо масъалаҳои жанр, услуб, мундариҷа ва вазифаҳои иҷтимоиву сиёсӣ доштани публитсистикаи муосир ҷамъбаст ёфтаанд.

Зимни пажӯҳиш диссертант ба ин натиҷа расидааст, ки "матбуот мактаби асосии тарбияи А. Саъдуллоев дар ҳамаи самтҳои эҷод мебошад ва то охири умр ба он содиқ мондааст. Бо амалия пайванд доштан як хусусияти умдаи таҳқиқоти илмии А. Саъдуллоев аст ва мавсуф дар чандин расонаҳо фаъолияту ҳамкорӣ намудааст".

Аҳамияти назариявӣ ва амалӣ собит гардидааст ва натиҷаҳои пажӯҳиш метавонанд дар таълими фанҳои ихтисоси рӯзноманигорӣ, публитсистикашиносӣ ва ҷомеашиносӣ ба таври самаранок истифода шаванд. Рисолаи мазкур барои рушди илми рӯзноманигорӣ ва публитсистикашиносӣ муҳим аст. Аз нигоҳи назариявӣ, он таҳаввулоти фикри илмии тоҷикро дар соҳаи публитсистика бозтоб мекунад. Аз назари амалӣ бошад, натиҷаҳои он метавонанд ҳамчун маводи таълимӣ барои донишҷӯёни ихтисоси рӯзноманигорӣ ва филология истифода шаванд.

Хулосабардории диссертант дар доираи 10 банд маҳаки асосии корро нишон додааст. Аз нигоҳи мо, интихоби мавзуи муҳим ва дар илми журналистикаи тоҷик мубрами диссертатсия яке аз бартариҳои кори илмӣ мебошад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки муаллифи диссертатсия ба мақсадҳои дарпешгузоштааш расида, дар пажӯҳиши мавзуъ комёб гардидааст.

Ҳамзамон, мисли ҳар пажӯҳиши илмӣ, дар кори мазкур низ баъзе нуктаҳои такмилталаб мавҷуданд, киислоҳи онҳо ба манфиати кор мебуд:

1. Дар баъзе фаслҳо такрори маълумот ва тавсифҳои васеъ мушоҳида мешавад, ки метавонистанд фишурдатар ва хулосавӣ пешниҳод шаванд.

2. Набудани муқоиса бо таҷрибаи мактабҳои публитсистикаи кишварҳои дигар эҳсос мешавад. Ин гуна муқоисаҳо метавонистанд ба таҳқиқ аҳамияти бештар диҳанд.

3. Саҳми шахсии диссертант дар баъзе бахшҳо нисбат ба андешаҳои пешгузаштагон то ҷое камранг ба назар мерасад, ки ҳангоми коркарди ниҳоӣ метавон онро бо далелу баҳсҳои иловагӣ пурқувват гардонд.

Вале ин ишораҳо зинҳор қимати диссертатсияро коста намекунанд ва ба таври умум, диссертатсияи Сироҷзода Нигина Раҷаб дар мавзуи «Асадулло Саъдуллоев - муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик» кори илмии ҷиддӣ ва арзишманд буда, натиҷаҳои он дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд ва метавонанд дар илму таълим мавриди истифода қарор гиранд. Муаллиф масъалаи муҳимро бо далелҳои кофӣ, таҳлилҳои мўътамад ва хулосаҳои илмӣ асоснок намудааст.

Хулоса, автореферати рисолаи диссертатсионии Сироҷзода Нигина Раҷаб дар мавзуи «Асадулло Саъдуллоев - муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик» таҳқики анҷомёфта ба шумор рафта, муаллифи онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор меҳисобам.

Муқарриз:
Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
сармуҳаррири рӯзномаи “Хатлон” Маъмурзода Н.М.
« 5» сентябри соли 2025.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи Логинов, 12.
Тел.: (+992) 918-69-64-66.
E-mail: nosirjon@mail.ru

Имзои Маъмурзода Н.М.-ро тасдиқ мекунам:
Нозири кадрҳои
Идораи рӯзномаи “Хатлон” Худойдодзода З.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи Логинов, 12.
Телефон: (+992-3222) 2-50-34.
E-mail: noma@khatlon-ruznoma.tj
«5» сентябри соли 2025.